Муаллиф диққатро ба зарурати ташаккули як механизми ҳуқуқии мукаммал, устувор ва самаранок ҷалб менамояд, ки на танҳо ҳимояи муқарраротиКонститутсия ва ҳуқуқу озодиҳои кафолатдодашудаи шахсиятро таъмин намояд, балки низ тавозуни институтсионалиро байни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ нигоҳ дорад. Чунончи, ҳамчун тадбири аввалиндараҷа пешниҳод мегардад, ки ба Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ» моддаи нави 3 бо унвони «Мафҳумҳои асосӣ» илова гардад. Дар он мафҳуми «баҳси ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» бояд ба таври расмӣ таъриф дода шавад, ки ба бартарафсозии норавшаниҳои ҳуқуқӣ ва таъмин намудани ягонагии амалияи татбиқи ҳуқуқ мусоидат хоҳад кард.

Масъалаи фарқгузории салоҳият байни Суди конститутсионӣ ва судҳои салоҳияти умумӣ низ ҳамчун мавзуи муҳими назариявӣ ва амалӣ эътироф мешавад. Дар ин замина муаллиф пешниҳод менамояд: муқаррар кардани меъёрҳои дақиқи ҳуқуқӣ барои нисб додани баҳс ба соҳаи конститутсионӣ ё маъмурӣ; ҷорӣ намудани механизми пешакии баҳодиҳии салоҳият; таҳияи расмиёти мувофиқ барои баррасии парвандаҳои омехта.

Бо мақсади баланд бардоштани дастрасӣ ба адолати судӣ ва тавсеаи имкониятҳои шаҳрвандон ҷиҳати татбиқи ҳуқуқи муроҷиат ба мақомоти назорати конститутсионӣ, инчунин бо назардошти зарурати баланд бардоштани самаранокиву суръати баррасии баҳсҳо, муаллиф тавсия

медиҳад, ки механизми муосири рақамии қабули муроҷиатҳо ба Суди конститутсионии ҶТ таҳия ва татбиқ карда шавад.

Инчунин, ба рушди самти илмӣ ва таълимӣ аҳамияти махсус дода мешавад: ворид намудани фанни алоҳида дар барномаҳои таълимии донишгоҳҳои самти ҳуқуқшиносӣ, ки ба баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бахшида шудааст; дастгирии лоиҳаҳои таҳқиқотӣ; баргузории конференсияҳо ва ташаккули мактаби илмии ватанӣ дар ин соҳа.

## ХУЛОСА

### Натиҷаҳои асосии илмии тадқиқот

1. Дар ҷараёни танзими низои байни тоҷикон ҶТ таҷрибаи беназир ва муваффақро нишон дод, ки ба марҳилаи муҳимми таърихи давлатдории мустақил ва соҳибихтиёр мубаддал гардид. Ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ на танҳо заминаи таҳкими ваҳдати миллӣ ва худшиносии мардуми тоҷик гардид, балки шарти аввалиндараҷаи рушди устувори кишвар низ ба шумор меравад. Ин таҷриба барои такмили механизмҳои ҳаллу фасли баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ аҳамияти махсус дорад, зеро он ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, таҳкими волоияти қонун ва таъмини субот дар ҷомеа нигаронида шудааст. Равишҳое, ки Тоҷикистон ташаккул дод, гувоҳи имкони фароҳам овардани шароити самаранок барои ҳаллу фасли осоиштаи баҳсҳо бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва хусусиятҳои низоми ҳуқуқӣ мебошад [8-М].

2. Табиатан пароканда будани танзими ҳуқуқии баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар ҶТ зарурати дарки илмии низомманд ва таҳлили бонизоми ин категорияи баҳсҳоро бо назардошти таҳкими волоияти қонун ва ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ ба миён меорад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ хатари афзоиши чунин баҳсҳо меафзояд, ки ин аз таҳияи механизмҳои назариявӣ асоснок ва амалӣ татбиқшавандаи ҳаллу фасл, инчунин такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи татбиқи он талаб мекунад [8-М].

3. Баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ – ихтилофҳои байни иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ё мақомоти давлатӣ доир ба тафсир, татбиқ ё амали меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ мебошанд, ки ҳаллу фасли махсусро бо риояи расмиёти конститутсионӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятии дар Конститутсия кафолатдодашуда талаб мекунанд [8-М].

4. Баҳси ҳуқуқӣ-конститутсионӣ на танҳо ҳамчун ихтилофи байни субъектҳои муносибатҳои конститутсионӣ зуҳур меёбад, балки шакли ҳуқуқии ифодаи муқовимати бонизом дар доираи татбиқ, тафсир ва истифодаи меъёрҳои Конститутсия мебошад. Хусусияти он дар омезиши унсурҳои моддӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ ифода меёбад, ки онро аз дигар навъҳои баҳсҳои ҳуқуқи давлатӣ ва хусусӣ фарқ мегузорад. Ин табиати дугонаи баҳси ҳуқуқӣ-конститутсионӣ таҳлили мукаммалу ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки бояд ба асосноккунии назариявӣ ва амалӣ намудани механизмҳои ҳаллу фасл нигаронида бошад [8-М].

5. Падидаҳои нави ҳуқуқӣ ба таври сунъӣ ба вуҷуд намеоянд, балки зери таъсири равандҳои амиқи иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ ташаккул меёбанд ва ниёзҳои танзими ҳуқуқиро дар ҷомеаи босуръат рушдёбанда инъикос мекунанд. Ташаккули падидаи баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, дар асл, як раванди табиӣ ва худогоҳона мебошад [10-М].

6. Падидаи баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ сохтори мустақили низоми ҳуқуқи конститутсиониро ташкил медиҳад, ки дорои ҳамаи нишонаҳои падидаҳои ҳуқуқӣ мебошад: дороии предмети ягонаи танзим, усули махсуси таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, маҷмуи устувори меъёрҳо ва расмиёти ҳуқуқӣ, ки ба танзим ва ҳамоҳангсозии баҳсҳои вобаста ба татбиқ ва ҳифзи меъёрҳои Конститутсия равона шудаанд. Дар ин замина, баҳси ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ҳамчун падидаи мустақил баромад мекунад, ки маҷмуи меъёрҳои мутақобилан вобастаро дарбар гирифта, муносибатҳои якхелаеро танзим менамояд, ки аз

муҳтаво ва механизми татбиқи ҳуқуқу ваколатҳо ва уҳдадориҳои субъектони ҳокимияти давлатӣ бармеоянд [10-М].

7. Баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ аз рӯйи нишонаҳои зерин тасниф мешаванд: аз рӯйи предмети баҳс: оид ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ; оид ба тафсири Конститутсия; оид ба ҷудосозии ҳокимият; аз рӯйи субъектҳои баҳс: баҳсҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ миёни мақомоти ҳокимияти давлатӣ вобаста ба салоҳияти баҳсталаб; миёни мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ; миёни шаҳрвандон ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ; аз рӯи тарзи ҳаллу фасл: расмиёти судӣ ва ғайрисудӣ (алтернативӣ); аз рӯйи оқибатҳои ҳуқуқӣ: бекор ё тағйир додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои поймолгардида, дақиқсозии салоҳияти мақомоти давлатӣ [7-М].

8. Баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ як категорияи махсуси баҳсҳои ҳуқуқӣ мебошанд, ки дорои табиати мустақили ҳуқуқӣ буда, аз баҳсҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва сиёсӣ фарқ мекунанд. Ба фарқ аз баҳсҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои байни давлатҳо ва дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалиро бар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ танзим мекунанд, баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар доираи низоми ҳуқуқии дохилӣ ба вуҷуд меоянд ва ба масъалаҳои сохтори давлатӣ, ҷудокунии салоҳиятҳо миёни мақомоти ҳокимият ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон дахл доранд. Баҳсҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ, дар навбати худ, аз баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бо самти амалӣ ва предмети танзим фарқ мекунанд, зеро онҳо ба иҷрои қонунгузории маъмурӣ ва қонуниятии амалҳои мақомоти иҷроия марбутанд. Ҷудокунии баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва сиёсӣ бар асоси хусусияти усулҳои ҳаллу фасли онҳо сурат мегирад: баҳсҳои аввал танҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ ва дар доираи расмиёти муайяншуда ҳаллу фасл мешаванд, дар ҳоле ки баҳсҳои сиёсӣ аз зиддиятҳои идеологӣ ва иҷтимоӣ-

сиёсӣ сарчашма гирифта, асосан бо усулҳои ғайриҳуқуқӣ танзим мешаванд [12-М].

9. Расмиёти ғайрисудии ҳаллу фасли баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ маҷмуи падидаҳо ва механизмҳоро дарбар мегиранд, ки ба танзими баҳсҳо бидуни мурожиат ба мақомоти судӣ равона шудаанд. Ин расмиёт аҳамияти муҳим доранд, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки сарбории низоми судӣ коҳиш ёбад, суръати ҳаллу фасли баҳсҳо зиёд гардад ва дар бисёр ҳолатҳо қарорҳои чандир ва созишомез таъмин карда шаванд [6-М].

10. Заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсияи Тоҷикистон, шаклҳои маъмурӣ ва судии ҳаллу фасли баҳсҳоро пешбинӣ мекунад, ки ин аҳамияти ҳамгироии механизмҳои гуногунро барои таъмини адолат ва риояи тартиботи ҳуқуқӣ таъкид менамояд. Ин расмиёт ба таъмини тавозун миёни шохаҳои ҳокимият ва таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба ниҳодҳои давлатӣ мусоидат мекунанд [5-М].

11. Расмиёти ғайриюрисдиксионӣ, аз қабили механизмҳои мувофиқа, музокирот ва машваратҳо, метавонанд дар ҳолатҳое самаранок истифода шаванд, ки ба меъёрҳои ҳатмии ҳуқуқӣ дахл надоранд. Аммо дар мавриди баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ татбиқи онҳо маҳдуд аст, зеро риояи қатъии принсипҳои қонуният ва волоияти Конститутсия ҳатмӣ мебошад [8-М].

12. Ваколатҳои Президенти ҶТ вобаста ба бекор намудани санадҳои мақомоти иҷроия, ки ба Конститутсия мухолифат доранд, нақши ҳалкунанда дар пешгирии ба вуҷуд омадани баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ доранд. Ин механизм ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ ва субот бидуни зарурати мурожиат ба расмиёти тӯлонии судӣ мусоидат менамояд [7-М].

13. Таҳлили фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраҳои солҳои 1996-2011, 2015-2018 ва солҳои 2021-2022 нишон медиҳад, ки ба Суди конститутсионӣ шумораи зиёди мурожиатҳо ворид мешаванд. Аммо қисми зиёди онҳо унсури муҳими ҳуқуқиро – нишонаҳои баҳси ҳуқуқӣ-конститутсиониро дар бар

намегиранд. Ин ҳолат шумораи зиёди радкуниро дар оғоз намудани мурофиаи судии конститутсионӣ шарҳ медиҳад, ки ин зарурати дарки равшан ва риояи меъёрҳои қобили қабул будани мурочиатҳоро тақозо мекунад [8-М].

14. Аз лиҳози мазмуни ҳуқуқӣ Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ» имкон медиҳад ду гурӯҳи асосии баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсиониро чудо кард, ки ба салоҳияти Суди конститутсионӣ шомиланд. Гурӯҳи аввал баҳсҳо байни мақомоти давлатӣ вобаста ба салоҳият (б. 2 мод. 34 ва мод. 40) мебошанд, ки ба чудокунии ваколатҳо ва пешгирии ихтилофи салоҳиятҳо марбутанд. Баррасии чунин парвандаҳо дар таҳкими тавозуни ҳокимияти давлатӣ нақши калидӣ дошта, татбиқи принсипи волоияти Конститутсияро таъмин мекунад. Гурӯҳи дуюм масъалаҳоеро фаро мегирад, ки ба мақомоти татбиққунандаи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии баҳсталаб (б. 2 мод. 27) марбутанд. Чунин баҳсҳо чанбаҳои амалӣ ва татбиқии қонунгузориро дар бар гирифта, ба бартарафсозии холигиҳои ҳуқуқӣ, камбудиҳо ва зиддиятҳо дар заминаи меъёрӣ мусоидат менамоянд [8-М].

15. Ҳаллу фасли баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ тавассути мурофиаи судии конститутсионӣ дар таҳкими волоияти қонун ва ҳифзи тартиботи конститутсионӣ дар давлат нақши калидӣ мебозад. Суди конститутсионӣ ҳамчун ҳакам амал намуда, ҳаллу фасли одилонаи баҳсҳоро таъмин менамояд, ки онҳо на танҳо ба муносибатҳои байни мақомоти давлатӣ, балки ба ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ки дар Конститутсия муқаррар шудаанд, дахл доранд. Тавассути мурофиаи конститутсионӣ принсипи таҷзияи ҳокимият татбиқ мегардад, холигиҳо ва зиддиятҳои ҳуқуқӣ бартараф мешаванд ва баҳсҳо байни мақомоти давлатӣ пешгирӣ мегарданд. Ин ба таҳкими суботи низоми давлатӣ ва эътимоди ҷомеа ба ҳокимият мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, мурофиаи судии конститутсионӣ ба ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои гуногуни ҳуқуқи давлатӣ – мақомоти давлатӣ, сохторҳои татбиқи қонун ва

дигар падидаҳо дар доираи муқаррароти Конститутсия мусоидат менамояд [8-М].

16. Барои таъмини ҷудокунии самараноки баҳсҳои ҳуқуқи давлатӣ дар низоми ҳуқуқии ҶТ, таҳия ва мустаҳкамсозии меъёрӣ ва институтсионалии меъёрҳои дақиқи муайянкунии салоҳият зарур аст, ки ҳам табиати баҳс ва ҳам хусусиятҳои салоҳияти мақомоти дахлдори юрисдиксияро ба назар мегиранд. Таҳияи Кодекси мурофиаи судии маъмурии ҶТ ва таъсиси судҳои махсусгардонидашудаи маъмурӣ қадами зарурӣ дар самти ҷудокунии салоҳият ва таъмини адолати судӣ мебошанд. Суди конститутсионӣ бо доштани салоҳияти мушаххас метавонад вазифаи асосии худро – назорати конститутсионӣ ва суботи ҳуқуқиро самараноктар иҷро кунад. Таъсиси судҳои маъмурӣ дар ҶТ ба такмили низоми ҳаллу фасли баҳсҳои ҳуқуқи давлатӣ ва самаранокии ҳаллу фасли баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мусоидат хоҳад кард. Дар амал шумораи зиёди баҳсҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ аз ҷониби судҳои умумии салоҳият баррасӣ мешаванд, ки ин боиси мушкил дар ҷудокунии баҳсҳои ҳуқуқи давлатӣ ва хусусӣ мегардад ва сабаби набудани консепсияи возеҳи салоҳият дар доираи низоми судии амалкунанда мебошад [5-М].

17. Баҳсҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ, аз қабили шикоят ба амал ё санадҳои мақомоти давлатӣ, ки санҷиши мутобиқати онҳо ба Конститутсияро талаб намекунанд, аксаран бо баҳсҳои хусусӣ омехта мешаванд. Ин ҳолат амалияи татбиқи ҳуқукро душвор гардонида, хавфи тафсирҳои мухталифи меъёрҳои ҳуқуқиро дар судҳои умумии салоҳият ба вуҷуд меорад. Таъсиси судҳои маъмурӣ имкон медиҳад ин ду категорияи парвандаро ҷудо намоянд ва баррасии алоҳидаи баҳсҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ, ки аз амалҳои мақомоти иҷроия ва шахсони мансабдор ба миён меоянд, таъмин карда шавад [6-М].

18. Дар шароити низоми амалкунанда шумораи зиёди баҳсҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ аз ҷониби судҳои салоҳияти умумӣ баррасӣ мешаванд, ки муайянкунии онҳо душвор аст ва боиси омезиши унсурҳои ҳуқуқи оммавӣ ва хусусӣ мегардад. Набудани консепсияи дақиқи салоҳияти баҳсҳои

ҳуқуқи оммавӣ рушди механизми самараноки ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятиро бозмедорад. Аз ин лиҳоз, таъсиси низоми комили мурофиаи судии маъмурӣ ва таҳкими падидаи судии конститутсионӣ на танҳо талаботи ҳуқуқӣ, балки шарти низомсоз барои баланд бардоштани самаранокии ҳаллу фасли баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва татбиқи принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд мебошад [6-М].

19. Зарур аст, ки нақш ва самаранокии фаъолияти Суди конститутсионии ҶТ ҳамчун мақоми калидии назорати конститутсионӣ таҳким дода шавад. Маҳз ин мақом кафили ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҷудокунии салоҳиятҳо байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон мебошад. Он ба санҷиши мутобиқати санадҳои меъёрӣ ба Конститутсия, ҳаллу фасли баҳсҳо байни мақомоти давлатӣ ва масъалаҳои марбут ба риояи Конститутсия машғул мешавад [8-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Бо мақсади ба низом даровардани дастгоҳи мафҳумии қонунгузории конститутсионӣ ва бартараф намудани зиддиятҳои истилоҳӣ, инчунин таъмини фаҳмиши ягонаи мафҳумҳои калидӣ дар амалияи татбиқи ҳуқуқ, мувофиқ ба мақсад мебошад, ки ба Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ» тағйирот ворид карда шуда, моддаи нави 3 бо унвони «Мафҳумҳои асосӣ» илова гардад. Дар доираи ин модда зарур аст, ки таърифи мафҳуми «баҳси ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» ба таври меъёрӣ муқаррар карда шавад, ки ин заминаи ҳуқуқӣ барои тахассуси дақиқи муроҷиатҳо, ки дар Суди конститутсионӣ баррасӣ мешаванд, фароҳам меорад ва имкон медиҳад, ки баҳсҳои мазкур аз дигар намудҳои баҳсҳои ҳуқуқӣ (монанди маъмурӣ, мадании ва ғ.) ҷудо карда шаванд.

2. Бо мақсади баланд бардоштани дастрасӣ ба адолати судӣ, тавсеаи имкониятҳои шаҳрвандон ҷиҳати татбиқи

ҳуқуқи худ ба муроҷиат ба мақомоти назорати конститутсионӣ, инчунин бо мақсади боло бурдани самаранокӣ ва фаврияти ҳаллу фасли баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, тавсия дода мешавад, ки механизми рақамии муосири қабули муроҷиатҳо ба Суди конститутсионии ҶТ таҳия ва татбиқ карда шавад. Таъсиси чунин платформаи электронӣ имкон медиҳад, ки раванди қабул ва бақайдгирии муроҷиатҳо автоматиконида шавад, расмиёти ҳамкорӣ байни муроҷиаткунанда ва суд содда гардад ва дастрасии шабонарӯзӣ ва фосилавӣ ба механизмҳои адолати судии конститутсионӣ таъмин гардад. Илова бар ин, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба коҳиши муҳлати баррасии парвандаҳо ва баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти Суди конститутсионӣ мусоидат менамояд. Дар дурнамои дарозмуддат ин чорабиниҳо ба таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба падидаҳои ҳокимияти давлатӣ, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва густариши таҷрибаи истифодаи механизмҳои конститутсионӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс мусоидат хоҳад кард.

3. Қабули Кодекси мурофиавии судии маъмурии ҶТ мувофиқ ба мақсад буда, бояд ҳамчун санади асосии меъёрии танзими баҳсҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ хизмат намояд. Дар лоиҳаи КМСМ ҶТ зарур аст як боби махсус пешбинӣ гардад, ки ба таърифи мафҳуми баҳси ҳуқуқӣ-оммавӣ, нишонаҳо ва меъёрҳои ҷудокунии баҳсҳои маъмурӣ ва баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бахшида шавад. Ин имкон медиҳад, ки норавшаниҳои ҳуқуқӣ бартараф гарданд ва самаранокӣ ва пешбинишавии мурофиаи судӣ беҳтар гардад.

4. Ҳамзамон бо қабули КМСМ ҶТ, таъсиси судҳои махсусгардонидашудаи маъмурӣ дар низоми ҳокимияти судии ҶТ зарур шуморида мешавад. Ин тадбир имкони баррасии самаранок ва касбии баҳсҳои ҳуқуқӣ-оммавиро фароҳам оварда, бори судҳои салоҳияти умумиро сабуктар мегардонад. Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки дар амалия аксар вақт баҳсҳои маъмурӣ ва баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бо ҳам омехта мешаванд ва аризаҳо оид ба парвандаҳои маъмурӣ ба судҳои умумӣ ё ба Суди

конститутсионӣ пешниҳод мегарданд. Дар ҳоле ки ин ду навъи баҳс аз лиҳози табиат фарқ доранд ва тақозои ҷудокунии равшани салоҳиятро доранд. Таъсиси судҳои маъмурӣ норавшаниҳои ҳуқуқиро бартараф намуда, барои шаҳрвандон шароити муроҷиат ба мақоми салоҳиятдорро фароҳам месозад. Модели мазкур дар як қатор кишварҳои хориҷӣ бо муваффақият татбиқ гардида, самаранокии баланди ҳимояи ҳуқуқи оммавиро нишон додааст.

5. Таснифоти таҳиягардидаи баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ки дар доираи таҳқиқот пешниҳод шудааст, дорои аҳамияти амалӣ буда, метавонад ҳамчун воситаи самараноки корбурдӣ дар фаъолияти Суди конститутсионии ҶТ хизмат кунад. Истифодаи он имкон медиҳад, ки сифати таҳлили ҳуқуқӣ ва асосноккунии ҳуқуқӣ дар ҷараёни баррасии чунин парвандаҳо баланд бардошта шавад, заминаи методӣ барои таҳияи тавзеҳот ва тавсияҳо фароҳам гардад, инчунин ҳам ба судяҳо ва ҳам ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои муайян намудани моҳияти ҳуқуқии баҳс ва тартиби дурусти расмии муроҷиат кӯмак расонад. Илова бар ин, татбиқи ин таснифот ба воҳидсозии таҷрибаи судӣ ва таҳкими дақиқии ҳуқуқӣ дар соҳаи мурофиаи судии конститутсионӣ мусоидат мекунад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Монография ва маҷмуаи таълимӣ-методӣ

**[1-М].** Муродзода, У.У. Конституция РТ: десятилетия гарантий свободы, равенства и прогресса Правовая система РТ [Текст]: коллективная монография / под ред. Е.С. Аничкина, Р.Р. Рахмаджонзода, В.В. Сорокина; Министерство науки и высшего образования РФ, Алтайский государственный университет. – Барнаул: Изд-во Алт. ун-та, 2025. – С. 183–186.

**[2-М].** Муродзода, У.У., Диноршоев А.М., Джамшедзода Д.Н. Конституционный судебный процесс Республики Таджикистан учебно-методический комплекс. [Текст]: / Под общей редакцией д.ю.н., профессора А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2024 – 324 с.

## II. Мақолаҳое илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд:

**[3-М].** Муродзода, У.У. Конституционный нормоконтроль: понятие, предмет и виды [Текст] / У.У. Муродзода // Законодательство. – 2019. – № 4(36). – С. 137-144; ISSN 1681-8695.

**[4-М].** Муродзода, У.У. Понятие и сущность судебного конституционного нормоконтроля [Текст] / У.У. Муродзода // Государствоведение и права человека. – 2020. – № 3(19). – С. 57-65; ISSN 2414-9217.

**[5-М].** Муродзода, У.У. Административное судопроизводство как гарант защиты прав граждан в Республике Таджикистан [Текст] / Б.Г. Наимов, У.У. Муродзода // Государствоведение и права человека. – 2020. – № 2(18). – С. 81-89; ISSN 2414-9217.

**[6-М].** Муродзода, У.У. Порядок производства по делам возникающих из публичных правоотношений в судах общей юрисдикции в Республике Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев, У.У. Муродзода // Законодательство. – 2020. – № 1(37). – С. 36-40; ISSN 1681-8695.

**[7-М].** Муродзода, У.У. К понятию избирательного спора как разновидности конституционно-правового спора [Текст] / А.М. Диноршоев, У.У. Муродзода // Правовая жизнь. – 2021. – № 1(33). – С. 45-53; ISSN 2307-5198.

**[8-М].** Муродзода, У.У. Конституционные споры и роль Конституционного суда в их разрешении [Текст] / У.У. Муродзода // Государствоведение и права человека. – 2021. – №3(23). – С. 114-120; ISSN 2414-9217.

**[9-М].** Муродзода, У.У. Конституция РТ и гарантии избирательных прав граждан [Текст] / Дж.Ш. Шерализода, У.У. Муродзода // Государствоведение и права человека. – 2021. – № 4(24). – С. 138-143; ISSN 2414-9217.

**[10-М].** Муродзода, У.У. Конституционно-правовые споры как институт конституционного права [Текст] / У.У. Муродзода

// Правовая жизнь. – 2022. – № 2(38). – С. 108-118; ISSN 2307-5198.

**[11-М].** Murodzoda, U.U. The role of the constitutional Court in resolving constitutional-legal disputes [Текст] / U.U. Murodzoda, S.Sh. Azimov // Государствоведение и права человека. – 2022. – No. 3(27). – P. 124-129; ISSN 2414-9217.

**[12-М].** Муродзода, У.У. Конституционно-правовые споры: особенности и различия от иных видов споров [Текст] / У.У. Муродзода // Правовая жизнь. – 2025. – № 1(49). – С. 122-138; ISSN 2307-5198.

### III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[13-М].** Муродзода, У.У. Предмет конституционно-правового спора [Текст] / У.У. Муродзода // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2022. – Т. 2, № 1(22). – С. 156-162.

**[14-М].** Муродзода, У.У. Понятие и разрешение конституционно-правовых споров [Текст] / У.У. Муродзода // «Национальная правовая система РТ и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития.»: материалы конференции (Душанбе, 31 марта 2020 г.) – Душанбе: Национальный центр законодательства при Президенте РТ, 2020 – С. 149-154.

**[15-М].** Муродзода, У.У. Конституционный нормоконтроль в правовом государстве [Текст] / У.У. Муродзода // Национальная правовая система РТ и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития.: материалы VII Международной научно-практической конференции (Душанбе, 26 апреля 2020) – Душанбе: РТСУ, 2020. – С.431- 435.

**[16-М].** Муродзода, У.У. К вопросу сущности спора о праве [Текст] / У.У. Муродзода // Права человека в процессе глобализации: материалы республиканской научно-теоретической конференции, Душанбе, 07 декабря 2021 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2021. – С. 269-273.

**[17-М].** Муродзода, У.У. Административные процедуры в Республике Таджикистан: проблемы практического применения [Текст] / У.У. Муродзода // XII Ломоносовские чтения: Материалы Международной научно-практической конференции, посвященной Дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией, Душанбе, 29–30 апреля 2022 года. Том Часть II. – Душанбе: Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, 2022. – С. 563-568.

**[18-М].** Муродзода, У.У. Становление и развитие конституционного судопроизводства в Республике Таджикистан [Текст] / У.У. Муродзода // Конституция - как фактор стабильности государства: Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 05 ноября 2022 года. – Душанбе: Филиал Московского государственного служащего университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, 2022г. – С. 264-267.

**[19-М].** Муродзода, У.У. Ҳифзи ҳуқуқии конститутсия дар мамлакатҳои хориҷӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ [Текст] / У.У. Муродзода // Национальная правовая система РТ и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: материалы X Международной научно-практической конференции (Душанбе, 28 октября 2022 г.) – Душанбе: РТСУ, 2022. – С.198-202.

**[20-М].** Муродзода, У.У. Отличие между конституционно-правовым спором и административно-правовым спором: важность и практическое применение [Текст] / У.У. Муродзода // Национальная правовая система РТ и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: материалы XI Международной научно-практической конференции (Душанбе, 31 октября 2023 г.) – Душанбе: РТСУ, 2023. – С. 478-481.

**[21-М].** Муродзода, У.У. К вопросу сущности конституционно-правового спора [Текст] / У.У. Муродзода // Актуальные вопросы совершенствования Конституции РТ в современных условиях: Материалы республиканской научно-теоретической конференции, посвященной 75-летию Таджикского национального университета, Душанбе, 01 ноября

2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет; Полиграфия «ВатанПринт», 2023. – С. 156-160.

**[22-М].** Муродзода, У.У. Отличительные признаки конституционно-правового спора [Текст]: /У.У. Муродзода// Теоретические вопросы формирования культуры прав человека в Таджикистане: материалы международной научно-теоретической конференции (5 декабря 2023 года) – Душанбе. – С. 465-468

**[23-М].** Муродзода, У.У. Роль Конституционного суда в разрешении конституционно-правовых споров [Текст] / У.У. Муродзода // XIII Ломоносовские чтения: Материалы международной научно-практической конференции, посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова, Душанбе, 28–29 апреля 2023 года. – Душанбе: Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, 2023. – С. 157-162.

**[24-М].** Муродзода, У.У. К вопросу сущности конституционно-правового спора [Текст] / У.У. Муродзода // Актуальные вопросы совершенствования Конституции Республики Таджикистан в современных условиях: Материалы республиканской научно-теоретической конференции, посвященной 75-летию Таджикского национального университета, Душанбе, 01 ноября 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет; Полиграфия «ВатанПринт», 2023. – С. 156-160.

**[25-М].** Муродзода, У.У. Структурная характеристика конституционно-правового спора: теоретико-практический анализ [Текст] / У.У. Муродзода // Конституция как фактор стабильности государства: Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 25 октября 2024 года. – Душанбе: Московский государственный университет им. М.В. Ломоносова, 2024. – С. 51-57.

## СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ

### I. Нормативно-правовые акты:

[1]. Конституция РТ от 6 ноября 1994 года принята на всенародном референдуме. 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года путем всенародного референдума

в нее были внесены изменения и дополнения [Текст]: – Душанбе, 2016. – 64 с.

## II. Монографии, учебники и учебные пособия:

[2]. Ализода, З. Эволюция института парламента в Республике Таджикистан [Текст] / З. Ализода. – Душанбе: ТНУ, 2013. – 206 с.

[3]. Диноршоев, А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2007. – 200 с.

[4]. Диноршоев, А.М., Сафаров Д.С., Хамдамова Ш.М. Процессуальные институты конституционного судопроизводства в Республике Таджикистан [Текст]: / Под общей редакцией А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2015. – 133 с.

[5]. Диноршоев, А.М. Конституционный суд в системе органов государственной власти в РТ / А.М. Диноршоев, Д.С. Сафаров. Под редакцией Н.Р. Холовой [Текст]: – Душанбе: "Голд-принт", 2015. – 110 с.

[6]. Зоиров, Д.М. Таджики: от государства Саманидов до суверенной государственности: историко-правовой анализ [Текст] / Д.М. Зоиров. – СПб: Реноме, 2014. – 287 с.

[7]. Ибрагимов, С.И. Административная юстиция в Республике Таджикистан и странах Центральной Азии: концептуальные подходы [Текст] / С.И. Ибрагимов. – Душанбе: «Дониш», 2015. 627 с.

[8]. Имомов, А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе, 2017. – 768 с.

[9]. Маҳмудзода М.А. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ [Матн]: – Душанбе, 2017- 632 с.

[10]. Насурдинов, Э.С. Правовая культура [Текст] / Э.С. Насурдинов. – М., 2014. – 352 с.

[11]. Ойев, Х., Марифхонов Р.Н. Административно-процессуальное право Республики Таджикистан [Текст]: учеб. Пособие / Х. Ойев, Р.Н.Марифхонов. – Душанбе, 2016. – 384 с.

[12]. Административно-процедурное производство в Республике Таджикистан [Текст]: учеб. метод. пособие /под общ. ред. д.ю.н. А.М. Диноршоева. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 252 с.

[13]. Ойев, Х., Марифхонов Р.Н. Административно-процессуальное право РТ [Текст]: учебник / Х. Ойев, Р.Н.Марифхонов. – Душанбе, 2017. – 354 с.

[14]. Сативалдыев, Р.Ш. Теория государства и права [Текст]: учебник для вузов / Р.Ш. Сативалдыев. – Душанбе: Империал-групп, 2009. – 358 с.

[15]. Холиков, К.Н. Конституционное судопроизводство в Республике Таджикистан [Текст]: / Отв. ред. С.А. Авакьян. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 420 с.

[16]. Холиков, К.Н. Становление и развитие института конституционного надзора в Таджикистане [Текст] / К.Н. Холиков. – Душанбе, 1998. – 200 с.

**II. Статьи и доклады:**

[17]. Камолзода, И.И. Сравнительно-правовой анализ правового регулирования нормативных правовых актов СНГ [Текст] / И.И. Камолзода // Актуальные проблемы конституционного, муниципального и международного права: Сборник научных статей. Региональный научный круглый стол с международным участием, Курск, 02 июня 2021 года / Министерство образования РФ; Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования «Юго-Западный государственный университет». Том Выпуск 6. – Курск: Юго-Западный государственный университет, 2021. – С. 57-64.

[18]. Сотиволдиев, Р.Ш. Роль Конституционного суда Республики Таджикистан в устранении коллизии законодательных актов [Текст] / Р.Ш. Сотиволдиев // Юридическая техника. – 2017. – №11. – С. 330-335.

**IV. Диссертации и авторефераты:**

[19]. Аминова, Г.Г. Конституционно-правовые споры в процессе создания и деятельности политических

партий [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Аминова Гульшат Галимьяновна. – М., 2016. – 243 с.

[20]. Ашуров, М.К. Концептуальные основы мирного процесса по урегулированию конфликтов и их реализация в Республике Таджикистан [Текст]: дис. … канд. полит. наук: 23.00.04 / Ашуров Музаффар Курбонмахмадович. – Москва, 2007. – 162 с.

[21]. Гадоев, Б.С. Тенденции развития высших форм непосредственной демократии в Республике Таджикистан: конституционно-правовое исследование [Текст]: дис. … д-ра. юрид. наук: 12.00.02 / Гадоев Бурхониддин Саймуддинович. – Душанбе, 2018. – 416 с.

[22]. Гафуров, М.С. Конституционно-правовая ответственность органов государственной власти в Республике Таджикистан [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Гафуров Мехриддин Садридинович – М., 2013. – 28 с.

[23]. Замотаева, Е.К. Судебный нормоконтроль как способ разрешения конституционно-правовых споров в Российской Федерации [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Замотаева Екатерина Константиновна. – М., 2005. – 246 с.

[24]. Камолов, Ш.Х. Конституционно-правовая регламентация институтов защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Камолов Шехмахмад Хамзахонович. – Душанбе, 2019. – 55 с.

[25]. Мирзамонзода, Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики [Текст]: дис. … д-ра. юрид. наук: 12.00.02 / Мирзамонзода Хайрулло Мирзамон. – Душанбе, 2021. 465 с.

[26]. Мирзоев, С.Б. Становление и развитие конституционного надзора и контроля в Таджикистане: историко-правовое и общетеоретическое исследование

[Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Мирзоев Саломатшо Бозорбоевич. – Душанбе, 2011. – 23 с.

[27]. Мирзоев, С.Б. Становление и развитие конституционного надзора и контроля в Таджикистане: историко-правовое и общетеоретическое исследование [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Мирзоев Саломатшо Бозорбоевич. – Душанбе, 2011. – 205 с.

[28]. Никитина, А. В. Конституционно-правовые споры [Текст]: дис. …д-ра. юрид. наук: 12.00.02 / Никитина Анна Васильевна. – Хабаровск, 2019. – 499 с.

[29]. Раззоков, Б.Х. Проблемы теории и практики организации исполнительной власти Республики Таджикистан [Текст]: дис. ... д-ра. … юрид. наук: 12.00.14 / Раззоков Баходур Хаётович – М., 2014. – 459 с.

[30]. Рахматова, З.М. Административное судопроизводство в Республике Таджикистан [Текст]: дис. …канд. юрид. наук: 12.00.14 / Рахматова Заррина Мирзобековна. – М., 2017. – 200 с

[31]. Рахмон, Д.С. Правовая природа актов конституционного суда Республики Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Рахмон Далер Сафарбек. – Душанбе, 2019 – 177 с.

[32]. Сулаймонов, М.С. Конституционно-правовой статус Президента Республики Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Сулаймонов Манучехр Субхоналиевич. – Душанбе, 2018. – 201 с.

[33]. Третьяк, И. А. Конституционная конфликтология [Текст]: дис. …д-ра. юрид. наук: 12.00.02 / Третьяк Ирина Александровна. – Омск, 2022. –391 с.

[34]. Шерализода, Д.Ш. Конституционная реформа в период независимости Республики Таджикистан: конституционно-правовой анализ [Текст]: автореф. дис. канд. юрид. наук: 12.00.02 / Шерализода Джоми Шерали. – Душанбе, 2023 – 35 с.

## АННОТАЦИЯ

на диссертацию Муродзода Умеда Уктама на тему «Конституционно-правовые споры в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики» на соискание учёной степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.02. – Конституционное право; конституционный судебный процесс; правовое регулирование местной власти

**Ключевые слова:** спор, правовой спор, конституционно-правовой спор, конституционное право, Конституционный суд, верховенство Конституции, судебное разбирательство, правовая природа, процессуальные формы, административное судопроизводство, юрисдикция, законодательство, разграничение компетенции, защита прав и свобод, конфликт правовых норм, правовая доктрина.

**Цель исследования**: обоснование концептуальных основ института конституционно-правовых споров, выработка научно обоснованных подходов к формированию эффективных правовых механизмов его разрешения, а также формулирование практических рекомендаций, направленных на совершенствование нормативно-правового регулирования в данной сфере.

**Методы исследования.** В работе использованы такие теоретические и прикладные методы, как анализ, синтез, дедукция, индукция, аналогия, сравнение, абстрагирование, системно-структурный, функциональный, сравнительно-правовой, формально-юридический.

**Полученные результаты и их новизна:** впервые в юридической науке Таджикистана проведено комплексное исследование конституционно-правовых споров, раскрыты теоретические основы и практические механизмы их разрешения в контексте современного законодательства и укрепления верховенства Конституции.

**Рекомендации по использованию:** применять в научной, правотворческой, правоприменительной деятельности и в образовательном процессе юридических вузов по конституционному праву и административной юстиции.

**Область применения:** использовать в исследовательской работе по конституционному праву, нормотворчестве, практике Конституционного суда и иных органов публичной власти, а также в преподавании дисциплин конституционно-правового профиля.

## АННОТАТСИЯ

ба диссертатсияи Муродзода Умед Уктам дар мавзуи «Баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоили назария ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.

**Калидвожаҳо:** баҳс, баҳси ҳуқуқӣ, баҳси ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, Суди конститутсионӣ, волоияти Конститутсия, мурофиаи судӣ, моҳияти ҳуқуқӣ, шаклҳои мурофиавӣ, мурофиаи маъмурӣ, салоҳият, қонунгузорӣ, тақсими ваколатҳо, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳо, ихтилофи меъёрҳои ҳуқуқӣ, доктринаи ҳуқуқӣ.

**Ҳадафи таҳқиқот:** асоснок намудани пояҳои консептуалии падидаи баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, таҳияи равишҳои илмӣ асоснокшуда ҷиҳати ташаккули механизмҳои самараноки ҳуқуқии ҳалли онҳо, инчунин пешниҳоди тавсияҳои амалӣ, ки ба такмили танзими меъёрии ҳуқуқӣ дар ин соҳа равона шудаанд.

**Усулҳои таҳқиқот:** дар кор усулҳои назариявӣ ва амалии таҳлил, синтез, дедуксия, индуксия, қиёс, муқоиса, абстраксия, таҳлили низомӣ-сохторӣ, функсионалӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд.

**Натиҷаҳои бадастомада ва навгониҳои онҳо:** бори аввал дар илми ҳуқуқии Тоҷикистон таҳқиқоти мукаммали баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ анҷом дода шуда, пояҳои назариявӣ ва механизмҳои амалӣ ҷиҳати ҳалли онҳо дар заминаи қонунгузории муосир ва таҳкими волоияти Конститутсия ифшо гардидаанд.

**Тавсияҳо оид ба истифода:** барои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, қонунэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ ва дар ҷараёни таълимии донишгоҳҳои ҳуқуқшиносӣ оид ба ҳуқуқи конститутсионӣ ва адлияи маъмурӣ татбиқ кардан мумкин аст.

**Соҳаи татбиқ:** дар фаъолияти таҳқиқотӣ оид ба ҳуқуқи конститутсионӣ, қонунэҷодкунӣ, амалияи суди конститутсионӣ ва дигар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, инчунин дар таълими фанҳои соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ истифода бурдан мумкин аст.

## ANNOTATION

for the dissertation of Murodzoda Umed Uktam on the topic: "Constitutional and Legal Disputes in the Republic of Tajikistan: Issues of Theory and Practice", submitted for the degree of Candidate of Legal Sciences in the specialty 12.00.02 – Constitutional Law; Constitutional Judicial Process; Legal Regulation of Local Government

**Keywords:** dispute, legal dispute, constitutional-legal dispute, constitutional law, Constitutional court, supremacy of the Constitution, judicial proceedings, legal nature, procedural forms, administrative justice, jurisdiction, legislation, division of powers, protection of rights and freedoms, conflict of legal norms, legal doctrine.

**The purpose of the study** to substantiate the conceptual foundations of the institution of constitutional-legal disputes, to develop scientifically grounded approaches to the formation of effective legal mechanisms for their resolution, as well as to formulate practical recommendations aimed at improving legal regulation in this field.

**Research methods.** the study employs theoretical and applied methods such as analysis, synthesis, deduction, induction, analogy, comparison, abstraction, systemic-structural, functional, comparative-legal, and formal-legal approaches.

**The results obtained and their novelty.** for the first time in the legal science of Tajikistan, a comprehensive study of constitutional-legal disputes has been conducted, revealing the theoretical foundations and practical mechanisms for their resolution in the context of modern legislation and strengthening the supremacy of the Constitution.

**Recommendations for use.** to be applied in scientific research, law-making, law enforcement, and in the educational process of law universities in the fields of constitutional law and administrative justice.

**Scope:** to be used in research in constitutional law, law-making activities, the practice of the Constitutional Court and other public authorities, as well as in the teaching of subjects in the field of constitutional law.